# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Бобоев Бахтиёр Ҷангиевич дар мавзуи «Шароити педагогии рушди фаъолияти таълимӣ-маърифатии донишҷӯён ҳангоми омӯзиши фанҳои табиатшиносӣ (дар мисоли фанни химия)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ)

Аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамҷоягӣ бо Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаи баланд бардоштани сифати таълим ва рушди маориф чораҳои амалӣ андешида шуда истодаанд. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати маориф ва илм пайваста кӯшиш ба харҷ медиҳанд, ки низоми таълимро мувофиқи талаботи замон гардонанд.

Албатта, барои амалӣ намудан пеш аз ҳама омӯзгорони таҷрибанок метавонанд, муносибат ва имкониятҳои дидактикиро дар раванди таълими химия аз нуқтаи назари ташаккул додани ҷаҳонбинӣ дар алоқамандӣ бо ҳавасмандии омӯзиш муайян намоянд. Амалӣ намудани имкониятҳои методҳои тарбиявӣ бо баҳисобгирии таъсири ҳамдигарӣ ба омӯзгорон имконият медиҳад, ки дар дарсҳо методҳои тарбияро дар раванди таълими химия, яке аз омилҳои баланд гаштани таълими химия дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ арзёбӣ намоянд.

Аз ҳамин лиҳоз, мавзуи таҳқиқотии Бобоев Б.Ҷ. актуалӣ ва муҳим ҳисобида шуда, як қатор ҳуҷҷатҳое, ки аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тасвиб расонида шудааст, ба монанди: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», «Консепсияи миллии таҳсилот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Стратегияи миллии рушди маориф то соли 2020», «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2030» ва ғайра тасдиққунандаи фикрҳои баёнгардида мебошад. Дар асоси гуфтаҳои боло, мавзуи диссертатсионии Бобоев Б.Ҷ. яке аз мавзӯъҳои актуалӣ, муҳим ва басо зарурӣ ба шумор меравад.

Дар бахши тавсифи умумии диссертатсия ҳамаи талаботҳо вобаста ба автореферати диссертатсия, аз ҷумла, оид ба мубрамияти мавзуи таҳқиқот, дараҷаи коркарди илмии проблема, мавҷудияти муаммо ва ихтилоф, объект, мавзӯъ ва ҳадаф, фарзия, вазифаи таҳқиқот инчунин ғояи пешбар, асоси методологӣ, сарчашма ва методҳои истифодашудаи таҳқиқот, навгонии илмӣ, арзиши назариявӣ ва амалии таҳқиқот, нуктаҳои барои дифоъ пешниҳодшаванда, боэътимодӣ ва асоснокии натиҷаҳо, озмоиш ва татбиқи натиҷаҳои таҳқиқот баррасӣ карда шудааст.

Боби якум – «Асосҳои назариявии рушди фаъолияти таълимӣ-маърифтаии донишҷӯён дар раванди омӯзиши фанни химия дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ» – аз се фасл иборат аст.

Дар фасли якум – «Масъалаи рушди шахсият дар раванди таълим» – тавсифи фаъолнокӣ ва фаъолнокии эҷодӣ дода шуда, аҳамияти ваҷҳҳо дар раванди фаъолият кушода дода шуда, омилҳое, ки ба ҳавасмандӣ таъсир мерсонанд, ишора шудаанд.

Дар фасли дуюм «Рушди фаъолияти таълимӣ- маърифатии донишҷӯён дар раванди омӯзиши фанни химиявӣ (асосӣ)» мафҳумҳои самарабахшии фаъолияти таълимию маърифатӣ кушода дода шуда, сохтори раванди таълим, зарурати истифодаи корҳои мустақилона барои фаъолноксозии фаъолияти эҷодӣ ва таҳқиқотии донишҷӯён дода шудаанд.

Дар фасли сеюм «Шароитҳои педагогии рушди таълимӣ-даркзозии донишҷӯён» сохтори ҷанбаҳои педагогӣ, шароити самарабахшии фаъолияти маърифатӣ баррасӣ шуда, накши муҳими омӯзгор дар раванди таълимӣ, омилҳои дохилӣ ва берунаи фаъолияти бомуваффақият нишон дода шуда, собит карда шудааст, ки роҳи дастёбӣ ба муваффақиятнокии фаъолияти таҳсилӣ корбасти техникаи педагогӣ мебошад.

Боби дуюм – «Санҷиши таҷрибавӣ- озмоишии шароити педагогии рушди фаъолияти таълимӣ- маърифатии донишҷӯён дар раванди омӯзиши фанни химия дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ» - аз се фасл иборат аст.

Дар фасли якум «Меъёрҳо ва сатҳҳои рушди фаъолияти маърифатӣ» мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

Фасли дуюм ба асосноккунӣ ва санҷиши «Методикаи корҳои таҷрибавӣ- озмоишӣ доир ба санҷиши муваффақона будани шароитҳои педагогии рушди фаъолияти таълимӣ- маърифатии донишҷӯён» бахшида шудааст.

Дар фасли сеюм «Натиҷаҳои раванди рушди фаъолияти таълимӣ- маърифатии донишҷӯён ва рушди мустақилият дар онҳо», инчунин арзёбии натиҷаҳои озмоиши педагогӣ пешниҳод гардиданд.

Аз ҷониби муаллиф Бобоев Б.Ҷ. ҳар як бобро мухтасаран дар алоҳидагӣ ҷамъбаст намуда, нуқтаи назарашро оид ба моҳияти ҳар боб инъикос намуда, ҳангоми баррасӣ намудани масъалаҳои назариявӣ нуқтаи назари шахсиашро низ баён намудааст. Инчунин автореферати диссертатсия бо забони фаҳмо, возеҳ тартиб дода шуда, инъикоскунандаи натиҷаҳои ниҳоии таҳқиқотӣ мебошад.

Муҳаққиқ Бобоев Б.Ҷ. таъкид мекунад, ки омӯзгорон бояд барои ташаккул додани қобилиятҳои эҷодии донишҷӯён методҳо, воситаҳо ва таснифи масъалаҳои химиявиро бештар истифода баранд. Ҳамин тариқ, ҳалли масъалаҳо ҷузъи муҳими раванди таълими химия аст. Ҳангоми мунтазам ҳал кардани намудҳои гуногуни масъалаҳо ба натиҷаҳои беҳтарин ноил гардидан мумкин аст. Бинобар ин коркарди низоми масъалаҳо дар раванди таълим ҷузъи муҳим ба ҳисоб меравад, зеро низоми масъалаҳо ба ноил гардидан ба беҳтарин натиҷаҳо дар муҳлати аз ҳама кӯтоҳ ва бо сарфи ҳадди ақали неру мусоидат мекунад.

Боиси зикр аст, ки автореферати диссертатсияи муаллиф Бобоев Б.Ҷ. дар асоси стандартҳо ва талаботҳои Комиссияи олии

Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таълиф карда шудааст.

Дар хулоса бояд қайд кард, ки таҳқиқотеро, ки аз тарафи Бобоев Бахтиён Ҷангиевич ба иҷро расидааст, аз нигоҳҳои назариявию амалӣ таҳқиқоти зарурӣ ба ҳисоб рафта, барои рушду нумӯи илми педагогикаи муосир саҳмгузор мегардад.

Дар асоси хулосаҳои боло, диссертатсияи Бобоев Бахтиёр Ҷангиевич таҳти унвони «Шароити педагогии рушди фаъолияти таълимӣ-маърифатии донишҷӯён ҳангоми омӯзиши фанҳои табиатшиносӣ (дар мисоли фанни химия)» таҳқиқоти ба анҷомрасонида ҳисобида, ҷавобгӯй ба талаботҳои зербоби 3.1, 4.1, 7.1-и Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба «Тартиб додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ» аз 26 ноябри соли 2016 таҳти №505 тасдиқ гардида буда, рисоланавис Бобоев Б.Ҷ. барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) арзанда ҳисобида шавад.

Ноиби якум, ноиби ректор
оид ба таълим н.и.п. Сафарзода Д.Ҷ.

Имзои номзади илми педагогӣ
Сафарзода Д. Ҷ. ро тасдиқ мекунам.
Сардори раёсати кадрҳо,
коргузорӣ ва корҳои махсус Бобозода О.О.

07.09.2022